**ЛОИҲА**

**(барои баррасӣ ва такмил)**

# Нақшаи васеъсозии истеҳсоли нерӯи барқ дар соҳаи электроэнергетика

**Декабри с. 2022**

## Бахши 1: Баррасии соҳаи энергетика

**Маълумоти умумии соҳа**

1. Соҳаи энергетика аз ширкатҳои азими давлатии истеҳсол (БТ), интиқол (ШИБ) ва тақсимоти нерӯи барқ (ШТБ) ва се истеҳсолкунандаи мустақили нерӯи барқ (ИМБ) иборат аст. Як ширкати энергетикӣ дар асоси созишномаи консессионӣ дар ВМКБ таъсисёфта ба истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ машғул мебошад. БТ ширкати давлатист, ки ба истиснои нерӯгоҳи Роғун соҳибмулки тамоми неругоҳҳои азими давлатӣ буда, онҳоро идора мекунад. Тамоми хатҳои баландшиддати интиқоли барқ (ХИБ) бо шиддати 110 кВ ва боло аз он, инчунин зеристгоҳҳои баландшиддат ба ШИБ тааллуқ дошта, ширкат ҳамаи онҳоро идора мекунад. ШТБ дорои инфрасохтори сатҳи тақсимот мебошад, ки аз хати тақсимотии 0.4 кВ - 35 кВ ва зеристгоҳҳои тақсимотӣ иборат аст. Ғайр аз ин, ШТБ масъули таъмини нерӯи барқ ба тамоми минтақаҳои кишвар ба истиснои ВМКБ мебошад. Ду ИМБ – НБО Сангтӯда -1 ва НБО Сандтӯда -2 бо ҷалби сармоягузориҳои Федератсияи Россия ва ширкатҳои давлатии Эрон бунёд шуданд, ки нерӯи барқро дар асоси шартномаҳои хариди барқ (ШХБ) ба БТ интиқол медиҳанд.[1] Сеюм ИМБ – ҷамъияти саҳҳомии кушодаи "Роғун" (ҶСК) дар марҳилаи сохтмон қарор дорад. Ширкати Помир Энерҷӣ (PEC) дар асоси шартномаи консессионии 25-сола тақрибан барои 245 000 нафар аҳолии ВМКБ нерӯи барқро истеҳсол ва таъмин мекунад.

2. Ҳукумати кишвар раванди тақсими онҳоро ба ширкатҳои алоҳидаи истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ оғоз намуд. Ҳадафи асосии тақсими ин ширкатҳо аз беҳтар намудани нишондиҳандаҳои амалиётӣ ва молиявӣ бо роҳи дақиқ муайян кардани ҳудудҳои техникии дороиҳо дар доираи занҷири арзиш ва беҳсозии интизоми молиявӣ, аз ҷумла ҷалби пудратчии идоракунанда барои тақсимоти нерӯи барқ иборат буд. Аз ин рӯ, ҳамчун қадами аввал моҳи июни соли 2019[2] Ҳукумати кишвар дар назди БТ ширкатҳои нави давлатии интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ - Ҷамъияти саҳомии кушодаи (ҶСК) Шабакаҳои интиқоли барқ (ШИБ) ва ҶСК Шабакаҳои тақсимоти барқро (ШТБ) таъсис дод. Ширкатҳои нав аз ҷиҳати қонунӣ ҷудо ва мустақил мебошанд. Ба истиснои НБО-и Роғун, тамоми нерӯгоҳҳои барқи обии давлатӣ ба БТ тааллуқ хоҳанд дошт ва онҳоро БТ идора хоҳад кард. Барои баланд бардоштани натиҷабахшӣ ва самаранокии фаъолияти ШТБ Ҳукумати кишвар пудратчиро барои идоракунӣ ҷалб намуд. Шартнома бо пудратчии идоракунанда моҳи августи соли 2022 ба имзо расид.

**Сохтори таъминоти нерӯи барқ**

3. Иқтидори умумии насбшудаи истеҳсолии Тоҷикистон 6 058 МВт-ро ташкил медиҳад, ки 88% он ба нерӯгоҳҳои барқи обӣ рост меояд. НБО-и Норак, ки дорои иқтидори истеҳсолии 3,000 МВт ва обанбори мавсимӣ мебошад, нерӯгоҳи бузургтарини истеҳсолкунандаи нерӯи барқ ба ҳисоб меравад. Он 50 фоизи талаботи умумии солона ба нерӯи барқро истеҳсол мекунад ва дар низом нерӯгоҳи таъминкунандаи мувозинат мебошад. Қобили зикр аст, ки иқтидори мавҷуда бо дарназардошти мушкилоти техникӣ дар чанд НБО ва бархе аз марказҳои барқии гармидиҳӣ (МБГ), аз қабили Душанбе-1 ва Ёвон, камтар аст.

[1] ШХБ бо НБО Сангтӯда-1 барои 20 сол ва ШХБ бо НБО Сангтӯда -2 барои 15 сол баста шудаанд. НБО Сангтӯда -2 аз рӯи механизми сохтмон-истифодабарӣ-интиқол (СИИ) бунёд шудааст.

[2] Қарори № 330 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни с. 2019.

**Ҷадвали 1: Иқтидори истеҳсолӣ ва ҳолати барқарорсозии НБО-ҳои асосӣ**

| НБО | Иқтидори ҳозираи насбшуда (МВт) | Ба истифода супорида шуд | Ҳолати навсозӣ ё барқарорсозӣ |
|---|---|---|---|
| Норак | 3,000 | 1972-1979 | |
| Роғун | 400[3] | 2018-2019 | |
| Сангтӯда-1 | 670 | 2008-2009 | |
| Бойғозӣ | 600 | 1985-1986 | |
| Сарбанд | 240 | 1962-1963 | |
| Сангтӯда-2 | 220 | 2011-2014 | |
| Қайроққум | 126 | 1956-1957 | |

Манбаъ: Барқи Тоҷик.

4. Марказҳои барқии гармидиҳӣ асосан дар фасли зимистон барои таъмини нерӯи барқ ва гармидиҳӣ истифода мешаванд, азбаски: (а) талабот ба нерӯи барқ дар зимистон зиёд аст, ки он 60 фоизи талаботи солонаро ташкил медиҳад; ва (б) аз сабаби коҳишёбии сатҳи об дар фасли зимистон истеҳсоли нерӯи барқ дар НБО маҳдуд мешавад. Ҳаҷми асосии истеҳсоли нерӯи гармӣ ба маркази нави барқии гармидиҳии (МБГ) "Душанбе-2" дорои иқтидори 400 МВт рост меояд. Марказ бо истифода аз ангишт кор мекунад ва сохтмони он соли 2017 анҷом ёфт. БТ тақрибан 50 МВт аз 200 МВт иқтидори МГБ Душанбе 1, ки бо истифода аз гази табиии аз Ӯзбекистон воридотшаванда кор мекунад, низ истифода мебарад. Таносуби истифода дар сатҳи паст қарор дорад, зеро самаранокии истифодаи сӯзишворӣ дар МГБ хеле паст аст. Аз ин рӯ, арзиши тағйирёбандаи нерӯи барқ ва/ё гармӣ баланд мебошад.

5. Солҳои 2014-2020 талабот ба нерӯи барқ дар як сол ба ҳисоби миёна 2,9 дарсад афзоиш меёфт ва норасоии нерӯи барқ дар фасли зимистон[4] бартараф карда шуд. Талаботи умумии солонаи соф ба нерӯи барқ дар минтақаи хизматрасонии БТ дар соли 2020 14,420 ГВт/соатро ташкил дод. Талабот ба нерӯи барқ мавсимӣ буда, аз сабаби истифодаи нерӯи барқ барои гармидиҳӣ авҷи он дар фасли зимистон ба назар мерасад. Бо дарназардошти вобастагӣ аз гидроэнергетика ва шароитҳои номусоиди гидрологӣ дар фасли зимистон, ки боиси қатъ шудани нерӯи барқ мегардид, БТ аз замони пеш бо пурра қонеъ намудани талабот ба нерӯи барқ дар фасли зимистон мушкилӣ дошт. Ва баръакс, бо дарназардошти захираҳои ғании гидроэнергетикӣ ҳаҷми назарраси изофаи нерӯи барқ дар фасли тобистон ба назар мерасад. Норасоии нерӯи барқ дар фасли зимистон ба таври қобили мулоҳиза коҳиш ёфт: (а) МГБ Душанбе-2 бо иқтидори 400 МВт ба кор даромад ва илова бар таъмини нерӯи барқ гармидиҳии марказиро (ГБ) ба баъзе ноҳияҳои пойтахт шурӯъ кард.

6. Ҳаҷми содироти нерӯи барқ афзоиш меёбад ва робитаҳои минтақавӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳодаанд. Ба туфайли дубора барқарор шудани робита бо Ӯзбекистон содироти нерӯи барқ аз 1350 ГВт/соат дар соли 2019 ба қариб 3000 ГВт/соат афзоиш ёфт. Интизор меравад, ки пас аз андешидани тадбирҳои зерин содироти нерӯи барқ дар оянда афзоиш меёбад: (а) ҳамоҳангсозии шабакаҳои барқи Тоҷикистон бо низоми энергетикии Осиёи Марказӣ (НЭОМ) дар соли 2022, ки имкон медиҳад нерӯи барқ ба тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ бидуни идоракунии шабака ва дигар мушкилоти амалиётӣ таъмин гардад, ва (б) ба истифода супоридани пайванди байнишабакавии 1,300 МВт байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ (CASA-1000), ки бо дарназардошти таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон гумон аст то соли 2025 амалӣ гардад.

,

[3] Ин иқтидор дар ибтидои истеҳсоли нерӯи барқ дар марҳилаи сохтмони иншоот ба даст меоядd. Иқтидори ниҳоӣ пас аз анҷоми сохтмон 3,780 МВт ташкил хоҳад дод.

[4] Бо мақсади таҳлил тахмин карда мешавад, ки фасли зимистон моҳҳои ноябр-мартро дар бар мегирад, ки дар он шароити обу ҳаво камтар мусоид аст.

## Бахши 2: Равиш ва моделҳои банақшагирии системавӣ

7. Таҳлили сенарияҳои умуминизомии таъмини нерӯи барқ, ки дар он тамоми вариантҳои лоиҳавии қонеъ намудани талаботи дохилӣ баррасӣ мегарданд, бо истифода аз модели оптималӣ гузаронида шуд. Тадбирҳои асосии зерин барои арзёбии сенарияи таъминоти аз ҳама камхароҷоти нерӯи барқ андешида шуданд.

**Расми 1: Равиши таҳлилӣ ба арзёбии сенарияҳои таъминот**




Манбаъ: Машваратчӣ.

8. Арзёбии нақшаи вусъатдиҳии истеҳсол ва моделсозии диспетчерӣ бо истифода аз моделҳои OptGen ва Барномасозии дугонаи динамикии стохастикӣ (SDDP) гузаронида шуд, ки аз ҷониби ширкати PSR Inc таҳия шуданд.

9. **OptGen** модели банақшагирии дарозмуддати вусъатдиҳӣ мебошад, ки нақшаи аз ҳама камхароҷотро барои сохтмон, навсозӣ ва аз истифода баровардани иқтидори истеҳсолии нерӯи барқ дар доираи сенарияи талабот ба нерӯи барқ муайян мекунад. Дар робита бо воридшавии ҳамаҷонибаи тағйирёбандаҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергия OptGen нуқтаи назари дарозмуддат ба вусъатдиҳиро бо нуқтаи назари кутоҳмуҳлат ба фаъолият муттаҳид мекунад. Аз ин рӯ, он метавонад профили ҳарсоатаи тағйирёбандаҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергия, қарор дар бораи қабули уҳдадориҳои агрегатҳои гармидиҳӣ/гидроагрегатҳо, маҳдудиятҳои афзоишдиҳӣ, маҳдудиятҳои алоқаманд бо сӯзишворӣ, талабот нисбати захираҳо ва дигар маҳдудиятҳои кӯтоҳмуддатро дар бар гирад.

- Қадамҳои ҳарсоатаи вақтӣ
- Қарорҳо оид ба уҳдадориҳои агрегатҳо
- Хароҷот барои оғоз ва қатъкунӣ
- Вақти ҳадди ақали зарурӣ барои пайвасткунӣ/хомӯшкунӣ
- Маҳдудиятҳои алоқаманд бо тағйирёбӣ дар иқтидори истеҳсолшаванда
- Маҳдудиятҳои гидравликӣ дар ҳавзаи дарё
- Вобастагии байнивақтӣ ва маконии нерӯи барқароршавандаи тағйирёбанда бо воридшавии захираҳои обӣ
- Талабот ба нерӯи барқ ва номуайянии нархи сӯзишворӣ
- Талабот нисбати энергия, иқтидор ва захираҳо

10. Модели OptGen ҷузъҳои асосии дар расми зерин нишондодашударо дар бар мегирад.

**Расми 2: Ҷузъҳои асосии модели OptGen**




Манбаъ: OptGen, PSR.

11. Вазифае, ки OptGen ҳадафи худ қарор додааст ин коҳишдиҳии хароҷоти амалиётӣ дар шароити маҳдуд будани эътимоднокии таъминот бо дарназардошти пешгӯии талабот ба нерӯи барқ мебошад. OptGen мувозинатро байни хароҷоти сармоягузорӣ барои сохтмони лоиҳаҳои нав ва арзиши чашмдошти хароҷотҳои амалиётӣ, ки дар натиҷаи SDDP, модели стохастикии назорат ва идоракунӣ бо маҳдудиятҳои интиқоли нерӯи барқ ба даст омадааст, таъмин мекунад. Чунин ҳамгирой ба OptGen имкон медиҳад, ки тамоми имконоти SDDP барои муаррифии низоми энергетикӣ ҳангоми ҳалли масъалаи алокаманд бо назорат ва идоракунии (диспечеризатсия) амалиётӣ истифода шаванд. Ба ин дохил мешавад аз ҷумла моделсозии муфассал бо тафсилоти ҳарсоата ва дохилисоата, эътинои талабот ба сигналҳои нархӣ, муаррифии номуайяниҳо ба монандӣ ҳаҷми оби воридшаванда, манбаъҳои барқароршаванда, қатъшавии таъмини нерӯи барқ ва ҳассосиятҳо.

12. Маънои ихтисороти SDDP - барномасозии дугонаи динамикии стохастикӣ мебошад. Ин алгоритм дар солҳои 80ум барои ҳалли масъалаҳои бузургмиқёси бисёрмарҳилавии алоқаманд бо оптимизатсия дар шароитҳои номуайян, таҳия шудааст. Дар муқоиса бо SDP анъанавӣ, зарурати номбар намудани таркиботи сатҳҳои обанбор вуҷуд надорад ва арзёбии тахминии вазифаи хароҷоти оянда бо истифода аз схемаи декомпозитсияи Бендерс анҷом дода мешавад. Алгоритми SDDP дар якчанд самт паҳн гардида, ба стандарти соҳавӣ дар ҷаҳон табдил ёфтааст. Он зиёда аз 30 сол инҷониб барои банақшагирии дарозмуддати оптималии стохастикии системаҳои хеле мураккаб, ки дорои иншооти бисёрмиқёси нигоҳдорӣ мебошанд (обанборҳо, истгоҳҳои обкашӣ, батареяҳо, анборҳои сӯзишворӣ, шартномаҳои интегралӣ барои сӯзишворӣ, маҳдудиятҳои чандзина барои партовҳо ва ғ.) ва барои моделсозии эҳтимолӣ, масалан ҳаҷми оби воридшаванда, хусусияти фосилавии нерӯи барқароршаванда, талабот ва нархи сӯзишворӣ, истифода мешаванд.

13. Ҳадафи SDDP то ба ҳадди ақал кам кардани хароҷот барои харид ва интиқоли сӯзишворӣ барои марказҳои барқии гармидиҳӣ, хароҷот барои партовҳои моддаҳои ифлоскунанда, хароҷоти истифода ва нигоҳдории нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва марказҳои барқии гармидиҳӣ, тариф барои интиқоли транзитии нерӯи барқ, хароҷоти нерӯи барқи ба пуррагӣ таъминнашуда ва дигар ҷаримаҳо, мебошад.

## Бахши 3: Дурнамои талабот ба нерӯи барқ

14. Таҳлили вариантҳои таъмини нерӯи барқ бо мақсадҳои иқтисодӣ гузаронида мешавад, аз ин рӯ дурнамои талабот ба нерӯи барқ, ки барои таҳлили мазкур истифода мешавад бояд талаботи мутобиқ бо принсипҳои самаранокии иқтисодиро инъикос намояд. Дар амал ин талабот миқдори тахминии нерӯи барқеро инъикос мекунад, ки истеъмолкунандон дар сурати пардохт намудани нархе, ки хароҷоти иқтисодии таъмини миқдори барқи истеъмолшудаa пурра мепӯшонад, метавонистанд истеъмол кунанд. Бояд зикр намуд, ки тибқи ин равиш нархи нерӯи барқ воқеан ба арзиши иқтисодии таъминот ҳатман баробар нахоҳад буд. Аммо агар ин нархҳо дар ҳақиқат аз хароҷоти иктисодӣ тафовут дошта бошанд, пас микдори нерӯи барқи истеъмолшуда ба сатҳи аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки истеъмол мувофиқат намекунад. Агар нарх аз хароҷоти иқтисодӣ поёнтар мебуд, истеъмоли нерӯи барқ аз сатҳи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок зиёдтар мешуд ва ин фарқият хароҷоти иқтисодиро бар дӯши ҷомеа мегузошт (бо истилоҳи иқтисодӣ «талафоти бебозгашт»). Бо дарназардошти он ки қисматҳои ҷанубӣ ва шимолии шабака танҳо бо як хати интиқоли барқи 500 кВ (ХИБ) пайвастанд талабот ба нерӯи барқ барои онҳо алоҳида пешбинӣ шудааст. Сохтмони иншооти нави истеҳсол наздик ба маркази талабот дар шимол назар ба сохтмони хатҳои нави интиқоли барқ дар манотиқи дастрасиашон мушкил метавонад асоснок бошад. Аз ин рӯ, барои таъмини имконияти қабули қарор дар бораи макон ҷиҳати тақсимоти иқтидорҳои нави истеҳсолӣ маҳз чунин равиш истифода шуд. Марҳилаҳои асосии дурнамои талабот ба нерӯи барқ чунинанд.

a. **Қадами 1**: Дурнамои талаботи холис ба нерӯи барқ ё истеъмол аз ҷониби истифодабарандагони ниҳоӣ. Интизор мерафт, ки талаботи соф дар тӯли солҳои 2021-2040 ба ҳисоби миёна 3% дар як сол афзоиш ёбад, ва он ҳам бо назардошти: (а) суръати тахминии афзоиши солонаи ММД тақрибан баробар бо 5%; (б) афзоиши воқеии дарозмуддати солонаи нархи нерӯи барқ ба 1% пас аз соли 2027, вақте ки тарифҳои нерӯи барқ ба сатҳи ҷуброни хароҷот мерасанд; ва (в) суръати таърихии афзоиши истеъмол аз ҷониби истифодабарандагони ниҳоӣ дар солҳои 2014-2020 дар сатҳи 3 фоиз. Пас аз он талаботи холис ба нерӯи барқ барои илова кардани истеъмоли худи нерӯгоҳҳои истеҳсолкунанда ва талафоти нерӯи барқ барои расидан ба талаботи умумӣ ислоҳ карда шуд. Дар ҷадвали 2 маълумоти ибтидоӣ ва фарзияҳо барои пешбинии талабот оварда шудаанд.

b. **Қадами 2**: Арзёбии талаботи иловагии ТАЛКО. Талаботи иловагии пешбинишудаи ТАЛКО дар асоси ҷадвали пешбинишудаи ба истифода супоридани марҳилаи 1-и лоиҳаи ҷории навсозӣ ва барқарорсозии корхонаи алюминий ҳисоб карда шуд. Лоиҳа дар се марҳила амалӣ мешавад ва интизор меравад, ки талабот ба нерӯи барқ ҳангоми истеҳсоли алюминий аз 2,1 миллиард кВт/соат дар соли 2020 то ба 4,68 миллиард кВт/соат дар соли 2023 (марҳилаи 1) ва то 6,48 миллиард кВт/соат дар соли 2026 (марҳилаи 3) афзоиш меёбад. Дурнамои талабот танҳо афзоиши истеъмолро дар марҳилаи аввал инъикос мекунад, зеро он аллакай амалӣ гардида, маблағгузорӣ таъмин шудааст. Маблағгузорӣ барои марҳилаҳои 2 ва 3 таъмин карда нашудааст ва қарор дар бораи татбиқи ин марҳилаҳо бояд аз ҷониби Ҳукумат дар вақти зарурӣ қабул карда шавад.

**Ҷадвали 2: Маълумот ва фарзияҳои асосӣ барои дурнамои талабот ба нерӯи барқ**

| | | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | 2033 | 2036 | 2040 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Варианти заминавии суръати афзоиши талаботи холис | % | 3.0% | 3.0% | 3.0% | 3.0% | 3.0% | 3.0% | 3.0% | 3.0% | 3.0% | 3.0% | 3.0% | 3.0% |
| Талаботи худии истеҳсол | % талабот и холис | 1.4% | 1.4% | 1.4% | 1.4% | 1.4% | 1.4% | 1.4% | 1.4% | 1.4% | 1.4% | 1.4% | 1.4% |
| Коҳишдиҳии талафот ҳангоми | % | 1.0% | 0.7% | 0.5% | 0.5% | 0.5% | 0.5% | 0.0% | 0.0% | 0.0% | 0.0% | 0.0% | 0.0% |

| | | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | 2033 | 2036 | 2040 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| интиқоли нерӯи барқ | | | | | | | | | | | | | |
| Талафот ҳангоми интиқоли нерӯи барқ | % талабот и холис | 4.3% | 3.6% | 3.1% | 2.6% | 2.1% | 1.6% | 1.6% | 1.6% | 1.6% | 1.6% | 1.6% | 1.6% |
| Коҳишдиҳии талафот ҳангоми тақсимот | % | 0.6% | 0.7% | 0.7% | 0.7% | 0.7% | 0.7% | 0.0% | 0.0% | 0.0% | 0.0% | 0.0% | 0.0% |
| Талафот ҳангоми тақсимот | % талабот и холис | 14.2 % | 13.5 % | 12.8 % | 12.1 % | 11.4 % | 10.7 % | 10.7 % | 10.7 % | 10.7 % | 10.7 % | 10.7 % | 10.7 % |

Манбаъ: Ҳисобҳои машваратчӣ.

c. **Қадами 3: Илова кардани фарзияҳо дар бораи коҳишдиҳии талафот.** Нишондиҳандаҳои талаботи соф ба нерӯи барқ ё истеъмоли истифодабарандаи ниҳоӣ, ки бо истифода аз модели мазкур ба даст оварда шудаанд бо дарназардошти талаботи иловагӣ ба нерӯ барои пӯшонидани талафоти техникии нерӯи барқ ва истеъмоли худии нерӯгоҳ тасҳеҳ карда шуданд. Маълумот дар бораи талафоти нерӯи барқ беэътимод буда, талафоти тиҷоратӣ умуман ҳисоб карда намешавад. Пас аз оғози раванди тақсимоти БТ дар соли 2019 ҳисоби талафот беҳтар гардид ва ҳоло ширкатҳои навтаъсиси интиқол (ШИБ) ва тақсимот (ШТБ) сатҳи эътимоди ҳисобкунӣ ва баҳисобгириии талафоти нерӯи барқро баланд мебардоранд. Барои пешгӯии талабот ба нерӯи барқ, мо тахмин кардем, ки тамоми талафот техникӣ мебошанд.

- ***Талафоти техникӣ ҳангоми интиқол*** ҳамчуни фоизи талабот ба нерӯи барқи истифодабарандаи ниҳоӣ дар ҳар як сол пешбинӣ шудааст. Бо дарназардошти кӯшишҳои идомаёбанда дар самти баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ ва сармоягузорӣ ба дороиҳои баландшиддат ҷиҳати боло бурдани эътимоднокии таъмини нерӯи барқ модел пешбинӣ мекард, ки талафоти техникӣ ҳангоми интиқоли нерӯи барқ аз 7,3 фоиз дар с. 2020 то 1,6 фоиз дар с. 2027 коҳиш дода мешавад.
- ***Талафоти техникӣ ҳангоми тақсимот*** ҳамчун фоизи нерӯи барқи истеъмолкунандаи ниҳоӣ дар ҳар сол пешбинӣ шудааст. Бо дарназардошти иштироки пудратчии идоракунанда бо нишондиҳандаҳои мақсаднок барои баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ, аз он ҷумла талафот ва сармоягузориҳои бузургҳаҷм ба инфрасохтори биллинг ва баҳисобгирии нерӯи барқ модел тахмин мекард, ки талафоти техникӣ ҳангоми тақсимот аз 15,3% дар соли 2020 то 10,7% дар соли 2027 коҳиш меёбад.

**Ҷадвали 3: Дурнамои талаботи маҷмӯӣ ба нерӯи барқ дар сатҳи истеҳсол**

| Талабот | | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | 2033 | 2036 | 2040 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **воқе й** | **дур намо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** | **дурн амо** |
| Минтақа и шимол | ГВт.с | 12,744 | 12,787 | 13,584 | 15,672 | 15,904 | 16,141 | 16,381 | 16,625 | 17,049 | 17,485 | 17,934 | 19,364 | 20,926 | 23,237 |
| Минтақа и ҷануб | ГВт.с | 5,252 | 5,234 | 5,312 | 5,402 | 5,503 | 5,605 | 5,710 | 5,815 | 5,990 | 6,169 | 6,354 | 6,944 | 7,588 | 8,540 |
| Ҷамъ | ГВт.с | 17,996 | 18,022 | 18,897 | 21,073 | 21,407 | 21,746 | 22,091 | 22,441 | 23,038 | 23,654 | 24,288 | 26,307 | 28,514 | 31,777 |
| Афзоиш и солона | ГВт.с | | 0.1% | 4.9% | 11.5% | 1.6% | 1.6% | 1.6% | 1.6% | 2.7% | 2.7% | 2.7% | 2.7% | 2.7% | 2.8% |

Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони Бонк.

## Бахши 4: Параметрҳои асосии лоиҳаҳои ҷорӣ, банақшагирифташуда ва эҳтимолии истеҳсоли нерӯи барқ

### Иншооти мавҷудбуда ва банақшагирифташудаи истеҳсоли нерӯи барқ

15. Дар ҷадвали поён параметрҳои асосии техникӣ ва иқтисодии лоиҳаҳои мавҷудбудаи истеҳсоли нерӯи барқ нишон дода шудаанд. Ин таъсири лоиҳаҳои ҷории барқарорсозӣ ба иқтидори насбшуда ва дастраси истеҳсолиро инъикос мекунад.

**Ҷадвали 4: Нерӯгоҳҳои барқи обии мавҷудбуда**

| Лоиҳаҳои ҷории истеҳсоли нерӯи барқ | Минтақаи моделсозӣ | Иқтидори насбшуда (МВт) | Навъ | Таносуби миёнаи истеҳсолот (МВт/м3/с) | Ҳаҷми ҳадди аксари оби аз турбина гузашта (м3/с) | Хароҷоти доимии ИваХТ (долл./кВт/сол) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Роғун (2021-2025) | Ҷануб | 400 | обанбор | - | - | 10 |
| Роғун (июн. 2026-окт. 2028) | Ҷануб | 1260 | обанбор | - | - | 10 |
| Роғун (ноя. 2028 – апр. 2029) | Ҷануб | 1890 | обанбор | - | - | 10 |
| Роғун (май 2029 – авг. 2030) | Ҷануб | 2520 | обанбор | - | - | 10 |
| Роғун (сен.2030 – 2040) | Ҷануб | 3780 | обанбор | - | - | 10 |
| Норак (2021) | Ҷануб | 2350 | обанбор | 2.150 | 1080 | 10 |
| Норак (2022) | Ҷануб | 2405 | обанбор | 2.184 | 1103 | 10 |
| Норак (2023) | Ҷануб | 2440 | обанбор | 2.218 | 1125 | 10 |
| Норак (2024) | Ҷануб | 2505 | обанбор | 2.251 | 1148 | 10 |
| Норак (2025) | Ҷануб | 2540 | обанбор | 2.285 | 1170 | 10 |
| Норак (2026) | Ҷануб | 2575 | обанбор | 2.319 | 1193 | 10 |
| Норак (2027) | Ҷануб | 2610 | обанбор | 2.353 | 1215 | 10 |
| Норак (2028) | Ҷануб | 2645 | обанбор | 2.386 | 1238 | 10 |
| Норак (2029) | Ҷануб | 2680 | обанбор | 2.420 | 1260 | 10 |
| Норак (2030) | Ҷануб | 3015 | обанбор | 2.420 | 1260 | 10 |
| НБО Бойғозӣ (2021-2029) | Ҷануб | 500 | Нерӯгоҳи маҷрой (НМ) | 0.405 | 1236 | 10 |
| НБО Бойғозӣ (2030-2040) | Ҷануб | 600 | НМ | 0.485 | 1236 | 10 |
| НБО Сангтӯда-1 | Ҷануб | 670 | НМ | 0.522 | 1284 | 10 |
| НБО Сангтӯда -2 | Ҷануб | 220 | НМ | 0.173 | 1270 | 10 |
| НБО Сарбанд (2021-2022) | Ҷануб | 240 | НМ | 0.225 | 1068 | 10 |
| НБО Сарбанд (2023-2040) | Ҷануб | 270 | НМ | 0.234 | 1154 | 10 |
| НБО Шаршара | Ҷануб | 30 | НМ | 0.028 | 1080 | 10 |
| НБО Марказӣ | Ҷануб | 15 | НМ | 0.014 | 1080 | 10 |
| НБО Варзоб-1 | Ҷануб | 9.5 | НМ | 0.009 | 1062 | 10 |
| НБО Варзоб-2 | Ҷануб | 14.4 | НМ | 0.013 | 1080 | 10 |
| НБО Варзоб-3 | Ҷануб | 3.5 | НМ | 0.003 | 1080 | 10 |

| Лоиҳаҳои ҷории истеҳсоли нерӯи барқ | Минтақаи моделсозӣ | Иқтидори насбшуда (МВт) | Навъ | Таносуби миёнаи истеҳсолот (МВт/м3/с) | Ҳаҷми ҳадди аксари оби аз турбина гузашта (м3/с) | Хароҷоти доимии ИваХТ (долл./кВт/сол) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| НБО Қайроққум (2021-2022) | Шимол | 126 | обанбор | 0.119 | 1062 | 10 |
| НБО Қайроққум (2023-2040) | Шимол | 174 | обанбор | 0.164 | 1062 | 10 |
| SHPP | Ҷануб | 12 | НМ | | - | 10 |

**Вариантҳои нави истеҳсол**

16. **Истеҳсоли барқ бо истифода аз газ**. Ба ин дастгоҳҳои газотурбинии дорои давраи омехта (ДГДО), турбинаҳои газӣ (ТГ) ва муҳаррикҳои дарунсӯз (МДС) дохил мешаванд. Иқтидорҳои насбшудаи мавҷуда дар андозаҳои алоҳида бо дарназардошти дастрасӣ дар бозор пешниҳод карда шудаанд.

17. **Истеҳсоли барқ бо истифода аз ангишт**. Тахмин меравад, ки нерӯгоҳи ангиштсанг аз ҳама нерӯгоҳи самараноки дастрас дар бозор мебошад. Яъне он нерӯгоҳи барқии хеле муҳимми дорои андозаи алоҳида ва иқтидори хурдтарини насбшуда буда, бо иқтидори номиналии 500 МВт дар бозор дастрас мебошад.

18. **Нерӯгоҳҳои офтобӣ**. Ду макони репрезентативӣ барои моделсозӣ интихоб карда шуданд. Як қитъа дар минтақаи шимол (Арз: 37.893611°; Тӯл: 68.803611°; Баландӣ 428 м аз сатҳи баҳр) ва дигар қитъа дар минтақаи ҷануб (Арз: 40.178889°; Тӯл: 69.683611°; Баландӣ 498 м аз сатҳи баҳр). Таносубҳои ҳарсоатаи иқтидори (8760 соат/сол) нерӯгоҳҳои офтобӣ дар асоси тарҳи муқаррарии дастгоҳи заминӣ ва маълумот аз SolarGIS, таъминкунандаи тиҷоратии маълумот дар бораи захираҳои офтобӣ аз соли 1999 то 2020 дар сатҳи P50, ҳисоб карда шуданд. Ҳангоми ҳисоби таносуби иқтидор таъсири ифлосшавӣ, ба монанди лой, барф ва дигар зарраҳо, ки метавонанд ба истеҳсоли нерӯ аз ҳисоби дастгоҳҳои фотоэлектрикии офтобӣ таъсир расонад, ба инобат гирифта шуд.

19. **Нерӯгоҳҳои бодӣ**. Маҷмӯи маълумоти маҳаллӣ аз ширкати MERRA2 ҳамчун манбаъ барои таносубҳои ҳарсоатаи иқтидор барои маконҳои эҳтимолӣ дар асоси маълумот дар бораи захираҳои бод аз соли 1980 то соли 2020 дар сатҳи P90 мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ин имкон дод, ки иқтидори дастраси истеҳсолии нерӯгоҳҳои бодӣ барои қонеъ кардани талаботи пешбинишуда ба нерӯи барқ дар ҳар як соати давраи арзёбӣ (2021-2040) дақиқ муайян карда шавад. Барои ба даст овардани маълумот дар бораи қитъаҳои мушаххас маконҳои зерини репрезентативӣ интихоб шудаанд (Минтақаи шимол: Арз: 40.361°; Тӯл: 70.028°; Минтақаи ҷануб: Арз: 37.056°; Тӯл: 68.000°). Аммо, дар марҳилаи тарҳрезии лоиҳа андозагириҳои заминӣ зарур мешавад.

20. Турбинаи Vestas v90 3000, ки дорои баландии 115 метр мебошад, барои арзёбии самаранокии лоиҳаҳои эҳтимолӣ интихоб карда шуд. Маконҳои мушаххас тавассути таҳлили арзёбиҳои захираҳои маконии бодӣ бо истифода аз атласи ҷаҳонии бодҳо муайян карда шуданд.[5] Ин барои дақиқ муайян намудани ҷои захираҳои бодӣ дар саросари кишвар зарур буд. Бо мақсади муайян намудани минтақаҳои дорои захираҳои беҳтарини бод ва муносиб барои сохтмон ва ҷойгиршавии нисбатан наздик ба нуқтаҳои аҳолинишин ҷиҳати ба ҳадди ақал коҳишдиҳии хароҷот барои пайвастшавӣ харитаи атласи ҷаҳон бо аксҳои кишвар, ки дар барномаи Google Earth дастрас мебошанд, мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

[5] https://globalwindatlas.info/

## Бахши 5: Дурнамои нархи сӯзишворӣ

21. Рӯйхати лоиҳаҳои эҳтимолии истеҳсолоти нав ҳам лоиҳаҳои гармидиҳии газӣ ва ангиштро дар бар мегирифт. Аз ин рӯ, дурнамои нархи гази табиӣ ва ангишт тартиб дода шуд. Соли заминавӣ барои ҳамаи нархҳо соли 2020 буда, нархи воқеии сӯзишворӣ дар асоси он сол пешбинӣ шудааст. Усули пешбинии нархи сӯзишворӣ дар поён тавсиф шудааст.

22. **Нархи воқеии гази табиӣ**. Айни замон дар Тоҷикистон захираи ошкоршуда ва аз лиҳози тиҷорат устувор мавҷуд нест ва он аз Ӯзбекистон ворид карда мешавад. Нархи воридот бо назардошти нархи шартнома бо Ӯзбекистон ва татбиқи банди иловагӣ дар асоси тағйирёбии пешбинишудаи нархи гази табиӣ дар Аврупо дар сурати пардохт бо пули нақд ҳисоб карда шуд.[6] Нархи корхонавӣ бо роҳи истифодаи хароҷоти дохилии интиқоли газ, ки имкон медиҳад хароҷоти доимӣ ва тағйирёбандаи истифодабарӣ ҷуброн карда шавад ва инчунин пардохте, ки зарурати сармоягузории навро ба шабакаи интиқоли газ бо дарназардошти синну соли он инъикос мекунад, ба даст оварда шуд.

23. Лозим ба ёдоварист, ки ҳолаи кунунии шабакаи интиқоли газ имкон намедиҳад, ки иқтидори он аз сабаби фарсудашавӣ ва хизматрасонии техникии нокифоя пурра истифода шавад. Аз ин рӯ, интизор меравад, ки дар солҳои аввали банақшагирӣ (2021-2023) иқтидори дастраси лӯла маҳдуд шуда, танҳо пас аз ҷалби сармояи зарурӣ дар ҳудуди 80 миллион доллари ИМА афзоиш хоҳад ёфт. Бахусус, иқтидори дастрас барои истеҳсоли нерӯи барқ бо дарназардошти нишондиҳандаҳои охирини МБГ-1 Душанбе, дегхонаи Шарқӣ, дегхонаи Ғарбӣ ва дигар истифодабарии тиҷоратӣ ҳисоб карда шуд. Ҳамин тавр, тахмин мерафт, ки барои истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои нави барқии гармидиҳии бо газ фаъолияткунанда дар маҷмӯъ 300 миллион метри мукааб иқтидор дастрас хоҳад шуд, ки дар соли 2024 он ба 1 миллиард метри мукааб афзоиш хоҳад ёфт.

24. **Ангишт**. Бар асоси маълумоти тадқиқотҳои қаблӣ, ҳадди ақал се кони ангишт мавҷуд аст, ки дарояндаи наздик метавонанд барои таъмини сӯзишворӣ истифода шаванд: Зиддӣ, Шуроб ва Фон Ягноб. Захираи собитшудаи ин конҳо ҳудуди 500 миллион тонна арзёбӣ мешавад ва он метавонад чаҳор нерӯгоҳи навро бо иқтидори умумии 1300 МВт (Душанбе-2, Шӯроб-1 ва -2 ва Фон Ягноб) бо нерӯи барқ таъмин кунад. Гарчанд дар мавриди Тоҷикистон содироти ангишт бо назардошти мушкилоти ҳамлу нақл осон нест, аммо бо хушбинӣ тахмин карда шуд, ки ангишт ба як маҳсулоти тиҷоратӣ мубаддал мегардад ва аз ин рӯ, нархи иқтисодии он бештар аз ҳисоби арзиши алтернативии он муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, нархи воқеии иқтисодии ангишт барои эҳтиёҷоти истеҳсоли дохилии нерӯи барқ дар асоси арзиши алтернативӣ дар конҳои ангишт, ки бо хароҷоти дохилии нақлиётӣ тасҳеҳ шудааст, ҳисоб карда шуд. Ангишти австралиягии дорои 5,000 Ккал қобилияти гармидиҳии хос (NAR), ки мутобиқи шартҳои ФОБ ба бандари хитоии Синхуандао таҳвил мешавад ҳамчун меъёр барои ҳисоб кардани арзиши алтернативии ангишт дар Тоҷикистон бо дарназардошти наздикии он ба бозор истифода шуд. Қобилияти гармидиҳии он бо баъзе навъҳои ангишт дар Тоҷикистон муқоисапазир мебошад.

## Бахши 6: Фарзияҳо оид ба имкониятҳои пайвастшавии байнишабакавӣ, содирот ва воридот дар сатҳи минтақа

25. Имкониятҳои пайвастшавии байнишабакавӣ. Таҳлили GEP маҳдудиятҳои шабакаи мавҷудаи интиқол байни шабакаҳои ҷанубӣ ва шимолии кишвар, инчунин иқтидори дастраси пайвастшавӣ ба кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро ба назар мегирад.

[6] Дурнамои нархҳои ашёи хом, Бонки ҷаҳонӣ, октябри с. 2021.

**Ҷадвали 5: Имкониятҳои пайвастшавии байнишабакавӣ**

| № | Хатҳои мавҷудаи интиқоли барқ (ХИБ) | Шиддат (кВ) | Навъи ноқил ва бурриш (мм) | Дарозӣ (км) | Шумораи занҷирҳо | Миқдори ноқилҳо ба як фаза | Иқтидори максималии техники (МВт) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Регар-Гузар | 500 | АСО-300 | 257 | 1 | 3 | 1200 |
| 2 | Регар-Сурхан | 500 | АСО-300 | 162.3 | 1 | 3 | 1000 |
| 3 | Регар-Гулча | 220 | АСО-300 | 72 | 1 | 1 | 248 |
| 4 | Регар-Шеробод | 220 | АСО-300 | 54.9 | 1 | 1 | 248 |
| 5 | Суғд-Сирдарё | 220 | АС-400 | 19.1 | 2 | 1 | 496 |
| 6 | Суғд-Сирдарё | 220 | АС-400 | 19.6 | 2 | 1 | 400 |
| **Ҳамагӣ ба Ӯзбекистон** | | | | | | | **3592** |
| 7 | Сангтӯда-1-Пули Хумрӣ | 220 | АС-400 | 283 | 2 | 1 | 590 |
| 8 | Геран-Кундуз | 110 | АС-150 | 120 | 1 | 1 | 81 |
| **Ҳамагӣ ба Афғонистон** | | | | | | | **671** |
| 9 | Конибодом-Айгултош | 220 | АС-300 | 53.2 | 1 | 1 | 248 |
| 10 | Зумрад-Айгултош | 110 | АС-150 | 43 | 1 | 1 | 81 |
| 11 | Хоҷа-Боқирғон-Арча | 110 | АС-120 | 1.73 | 1 | 1 | 67 |
| 12 | Пролетарск-Сулукта | 110 | АС-185 | 10.3 | 1 | 1 | 92 |
| 13 | Ленабадская-Сулукта | 35 | АС-70 | 36 | 1 | 1 | 48 |
| **Ҳамагӣ ба Ҷумҳурии Қирғиз** | | | | | | | **536** |
| № | ХИБ сохташудаистода | | | | | | |
| 1 | Осиёи Марказӣ – Осиёи Ҷанубӣ (CASA-1000): интиқоли нерӯи барқ ба Покистон | | 2025 (ҳисоб) | | | | 1300 |

Манбаъ: БТ.

**Равиш нисбати моделсозии содирот ва воридот**

26. Фарзияҳои асосии зерин асоси моделсозии содирот ва воридотро ташкил медиҳанд.

a. Содирот ба қарорҳои иқтисодӣ такя мекунад, аъне содироти нерӯи барқ танҳо пас аз пурра қонеъ намудани талаботи дохилӣ анҷом дода мешавад ва арзиши аслии максималии истеҳсоли нерӯи барқ аз тарифҳои содиротии муқарраршуда поёнтар мебошад.

b. Вобаста аз шартнома ва иқтидори интиқоли нерӯи барқ мутобиқи ШХБ амалкунанда ҳаҷми содирот бо ҳаҷмҳои шартномавӣ барои ҳар як моҳ ё сол маҳдуд мебошад. Барои содироти эҳтимолӣ бидуни ШХБ, ҳаҷмҳо бо иқтидори интиқоли нерӯи барқ маҳдуд мебошанд.

c. Дар ҳолати норасоии нерӯи барқ барои таъминот аз рӯи ҳаҷми дар ШХБ зикршуда афзалият ба содироти нерӯи барқ аз рӯи нархҳои баландтар дода мешавад. Дар аксари шартномаҳо ҷарима пешбинӣ нашудааст, аз ин рӯ, хароҷоти мазкур дар ҳисобҳо ба назар гирифта нашудааст.

d. Воридот дар сурате имконпазир аст, ки нархҳои муқарраршудаи воридотӣ аз арзиши истеҳсол барои қонеъ кардани талабот ба нерӯи барқ пасттар бошанд.

e. Воридот ба андозаи 10 фоизи талаботи умумӣ дар ҳар соат маҳдуд карда шудааст.

**Ҷадвали 6: Ҳаҷми содироти шартномавии нерӯи барқ аз рӯи ШХБ амалкунанда (бо ГВт)**

| Сол | АФҒ-110 кВ | АФҒ-220 кВ | УЗБ | АФҒ-CASA | ПОК-CASA | Дигар содирот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳолати шартнома | ШХБ амалкунанда | ШХБ амалкунанда | ШХБ амалкунанда бо имконияти таҷдиди солона | ШХБ амалкунанда барои 15 сол | ШХБ амалкунанда барои 15 сол | Бе ШХБ |
| 2022 | 188 | 1400 | 1500 | - | - | -[7] |
| 2023 | 188 | 1400 | 1500 | - | - | - |
| 2024 | 188 | 1400 | 1500 | - | - | - |
| 2025 | 188 | 1400 | 1500 | 216 | 2598 | - |
| 2026 | 188 | 1400 | 1500 | 324 | 2490 | - |
| 2027 | 188 | 1400 | 1500 | 432 | 2382 | - |
| 2028 | 188 | 1400 | 1500 | 542 | 2272 | - |
| 2029 | 188 | 1400 | 1500 | 650 | 2164 | - |
| 2030 | 188 | 1400 | 1500 | 622 | 2072 | - |
| 2031 | 188 | 1400 | 1500 | 622 | 2072 | - |
| 2032 | 188 | 1400 | 1500 | 622 | 2072 | - |
| 2033 | 188 | 1400 | 1500 | 622 | 2072 | - |
| 2034 | 188 | 1400 | 1500 | 622 | 2072 | - |
| 2035 | 188 | 1400 | 1500 | 642 | 2142 | - |
| 2036 | 188 | 1400 | 1500 | 642 | 2142 | - |
| 2037 | 188 | 1400 | 1500 | 642 | 2142 | - |
| 2038 | 188 | 1400 | 1500 | 642 | 2142 | - |
| 2039 | 188 | 1400 | 1500 | 642 | 2142 | - |
| 2040 | 188 | 1400 | 1500 | Ҳаҷми аз ҷиҳати иқтисоди муфид | Ҳаҷми аз ҷиҳати иқтисоди муфид | - |

Манбаъ: Маълумоти машваратчиён, ки аз БТ ва ВЭЗО ба даст оварда шудааст.

27. **Тарифҳои содиротӣ ва воридотӣ**. Тарифҳои содиротӣ дар замимаи Ҷадвали D.2 пешбинӣ шудаанд бо дарназардошти дастрасии маълумот дар бораи ШХБ амалкунанда ва содироти нави имконпазир бо дарназардошти хароҷоти дарозмуддати пешбинишудаи истеҳсоли нерӯи барқ дар мамлакатҳои ҳамсоя ва берун аз он.

a. ***Тарифҳои содиротӣ ба АФҒ -110, АФҒ-220, Ӯзбекистон ва лоиҳаи CASA-1000 муқаррароти ШХБ дахлдорро инъикос мекунанд***. Барои ШХБ, ки мӯҳлати эътиборашон аз давраи таҳлилшаванда кӯтоҳтар аст тарифҳо бо дарназардошти сатҳи болоравии чашмдошт тасҳеҳ карда шуданд.

b. ***Тарифҳо барои содироти имконпазир***. Тарифҳо барои содироти имконпазири иловагӣ бо назардошти арзиши максималии нерӯи барқ дар марҳилаи авҷи истеъмоли нерӯи барқ ва берун аз он дар минтақаи васеътари Осиёи Марказӣ ҳисоб карда шудаанд. Ҳисобҳои мазкур тавсеаи пешбинишудаи иқтидори истеҳсолро дар як қатор кишварҳо бо таваҷҷӯҳ ба афзоиши назарраси ҳиссаи манбаҳои барқароршавандаи энергия, нархи дохилии сӯзишворӣ, тасҳеҳи ба нақша гирифташуда дар нархҳои дохилии сӯзишворӣ ба инобат гирифтаанд.

c. ***Тарифҳои воридотӣ***. Тахмин меравад, ки тарифи воридотӣ бо тарифи баландтарини воридот, ки имрӯз барои воридоти нерӯи барқ аз ОМ пардохт карда мешавад, баробар мешавад.

[7] Бо дарназардошти мавҷуд набудани ШХБ амалкунанда содирот танҳо бо иқтидори интиқол маҳдуд шудааст.

**Ҷадвали 7: Тарифҳои содиротӣ ва воридотӣ**

| Содирот | | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2027 | 2028 | 2031 | 2034 | 2037 | 2038 | 2039 | 2040 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тарифи содиротӣ ба АФҒ-220 кВ | долл.ИМА/КВт.с | 0.041 | 0.041 | 0.041 | 0.041 | 0.041 | 0.041 | 0.041 | 0.041 | 0.041 | 0.041 | 0.041 | 0.041 |
| Тарифи содиротӣ ба АФҒ-110 кВ | долл.ИМА/КВт.с | 0.038 | 0.039 | 0.041 | 0.042 | 0.046 | 0.047 | 0.050 | 0.050 | 0.050 | 0.050 | 0.050 | 0.050 |
| Пардохт барои интиқоли нерӯи барқ ба ПОК-CASA-1000[8] | долл.ИМА/КВт.с | - | - | - | - | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.000 |
| Пардохт барои интиқоли нерӯи барқ ба АФҒ-CASA-1000 | долл.ИМА/КВт.с | - | - | - | - | 0.051 | 0.051 | 0.051 | 0.051 | 0.051 | 0.051 | 0.051 | 0.000 |
| Тарифи содиротӣ ба УЗБ | долл.ИМА/КВт.с | 0.020 | 0.025 | 0.026 | 0.026 | 0.028 | 0.028 | 0.030 | 0.032 | 0.034 | 0.034 | 0.035 | 0.036 |
| Дигар содироти пас аз соатҳои авҷи истеъмол (0:00 - 7:00; 19:00 - 23:59) | долл.ИМА/КВт.с | - | - | 0.026 | 0.026 | 0.028 | 0.028 | 0.030 | 0.032 | 0.034 | 0.034 | 0.035 | 0.036 |
| Дигар содирот дар соатҳои авҷи истеъмол (7:01 - 18:59) | долл.ИМА/КВт.с | - | - | 0.033 | 0.034 | 0.036 | 0.036 | 0.039 | 0.041 | 0.044 | 0.044 | 0.045 | 0.046 |
| Воридот | | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2027 | 2028 | 2031 | 2034 | 2037 | 2038 | 2039 | 2040 |
| Воридот | долл.ИМА/КВт.с | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 | 0.052 |

Манбаъ: Маълумоти машваратчиён, ки аз БТ ва ВЭЗО ба даст оварда шудааст.

## Бахши 5: Иловаи иқтидори нави истеҳсолӣ

28. Натиҷаҳои таҳлили нишон доданд, ки мутобиқи сенарияи асосӣ то соли 2040 иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар ҳаҷми 4 280 МВт барои қонеъ намудани талаботи дохилии пешбинишаванда ба нерӯи барқ ва иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи шартномаҳои амалкунанда барои содироти нерӯи барқ лозим меоянд. Содироти иловагии имконпазир дар асоси рақобатпазирии хароҷоти истеҳсолӣ дар Тоҷикистон дар ҳар як хати каҷи сарборӣ ва бо дарназардошти тарифҳои қаблан муайяншудаи нерӯи барқ дар соатҳои авҷи истеъмол ва берун аз он ҳисоб карда шуд. Ҳисоби вусъатдиҳии истеҳсоли нерӯи барқ дар поён оварда шудааст.

**Расми 3: Талабот ба иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва вусъатдиҳии онҳо**




Манбаъ: Ҳисоби машваратчӣ.

[8] Танҳо пардохт барои энергия аз рӯи тарифҳои содиротии CASA ба Покистон ва Афғонистон илова карда шудааст. Ҷузъҳои боқимондаи тариф ҷуброни хароҷоти асосӣ ва дигар пардохтҳоеро дар бар мегиранд, ки барои ҷуброни хароҷоти асосии инфрасохтор ва хароҷоти амалиётӣ ва хизматрасонии техникӣ заруранд. Онҳо ба номи БТ ҳисоб карда мешаванд, зеро он хароҷоти сохтмонро маблағгузорӣ мекунад.

29. Иқтидорҳои нав ба итмом расонидани лоиҳаи НБО-и Роғун, дастгоҳҳои фотоэлектрикӣ ва бодии истеҳсоли нерӯи барқро дар бар мегиранд, ки онҳо ҳам дар минтақаи Ҷануб ва ҳам дар Шимол ҷойгир мешаванд. Ҳангоми таҳлили банақшагирии системавӣ ба итмом расонидани лоиҳаи НБО-и Роғун ҳамчун лоиҳаи номзад баррасӣ гардид, зеро бояд муайян карда шавад, ки оё он ҷузъи нақшаи истеҳсол бо хароҷоти камтарин (НИХК) мешавад ё не. Барои ин, лоиҳа бояд бо мақсади коҳишдиҳии хароҷоти умумии таъминот бо дарназардошти маҳдудиятҳои мавҷуда такмил дода шавад.

30. Маълумот дар бораи тавозуни умумии дурнамои талабот ва пешниҳоди нерӯи барқ, инчунин содирот ва воридот дар расми зерин оварда шудааст. Моделсозии муфассали назорат ва идоракунӣ (диспетчеризатсия) аз ҷониби НБО-ҳои асосӣ дар Замимаи 1 оварда шудааст.

**Расми 4: Дурнамои талабот, истеҳсол, воридот ва содироти нерӯи барқ**

| ГВт | Истеҳсоли нерӯи барқ | Талаботи дохилӣ | Воридот | Содирот |
|---|---|---|---|---|
| **2021** | 20,738 | 18,022 | -150 | 2,858 |
| **2022** | 21,650 | 18,897 | -151 | 2,896 |
| **2023** | 23,238 | 21,073 | -443 | 2,599 |
| **2024** | 26,346 | 21,407 | -137 | 5,060 |
| **2025** | 26,008 | 21,746 | -6 | 4,257 |
| **2026** | 26,841 | 22,091 | -129 | 4,867 |
| **2027** | 27,466 | 22,441 | -404 | 5,416 |
| **2028** | 27,555 | 23,038 | 0 | 4,505 |
| **2029** | 30,851 | 23,654 | -396 | 7,574 |
| **2030** | 26,289 | 24,288 | -1,189 | 3,182 |
| **2031** | 29,875 | 24,942 | -654 | 5,573 |
| **2032** | 37,324 | 25,614 | 0 | 11,678 |
| **2033** | 34,418 | 26,307 | 0 | 8,088 |
| **2034** | 39,563 | 27,021 | -291 | 12,797 |
| **2035** | 35,999 | 27,756 | -386 | 8,605 |
| **2036** | 36,776 | 28,514 | -417 | 8,655 |
| **2037** | 39,993 | 29,293 | -597 | 11,264 |
| **2038** | 38,773 | 30,097 | -571 | 9,220 |
| **2039** | 44,277 | 30,924 | -379 | 13,691 |
| **2040** | 39,233 | 31,776 | -921 | 8,348 |

Манбаъ: Ҳисобҳои машваратчӣ.

31. НБО-и Роғун барои дохилкунӣ ба нақшаи LCGEP муайян карда шуд, зеро сохтмони он бешубҳа назар ба дигар манбаъҳои алтернативии энергия, ки бояд барои ҷойгузин намудани таъминот бунёд карда шаванд ва дастгоҳҳои буғию газӣ (ДБГ), дастгоҳҳои офтобӣ ва бодиро дар бар мегиранд, хароҷоти камтарро талаб мекунад. Аммо бо дарназардошти он ки сарбанд аллакай сохта шуда истодааст, ба итмом расидани сохтмони НБО-и Роғун интиқоли устувори нерӯи барқро ҳам дар фасли зимистон ва ҳам дар тобистон бо нархҳои арзон таъмин мекунад. Бахусус, сохтмони навбати аввали сарбанд аллакай ба баландии бештар аз 130 метр расидааст. Ғайр аз ин, лоиҳаи НБО-и Роғун инчунин манфиатҳои зеринро пеш меорад.

a. ***Пешгирии хароҷоти аз истифода баровардани Лоиҳа***. Тибқи ҳисобҳои ширкати TEAS хароҷоти мазкур на камтар аз 500 млн. долл. ИМА ташкил медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки айни замон дар

қитъаи Роғун сарбанди баландиаш 100 м мавҷуд аст ва хароҷот барои таъмини бехатарии сарбанд пас аз баровардани он аз истифодабарӣ назаррас хоҳанд буд; онҳоро ҳисоб кардан ғайриимкон аст, зеро ин гузаронидани арзёбии муфассалро талаб мекунад.

b. ***Пешгирӣ аз хароҷоти асосӣ дар лоиҳаҳои нави истеҳсоли нерӯи барқ барои ҷойгузин намудани таъминот аз ҷониби Лоиҳа***. Дар тӯли солҳои 2022-2040 кишвар бояд маблағи 2.9 млрд. доллари ИМА барои сохтмони дастгоҳи нави буғию газӣ (ДБГ) дорои иқтидорӣ 250 МВт, дастгоҳҳои фотоэлектрикии офтобии дорои иқтидорӣ 2900 МВт ва дастгоҳҳои бодии иқтидорашон 600 МВт барои ҷойгузин намудани истеҳсоли нерӯи барқ дар доираи Лоиҳа, ки барои бозори дохилӣ зарур аст, харҷ намояд. Омӯзиши ҳамгирой бо шабака гузаронида нашудааст. Ҳадафи чунин омӯзиш муайян намудани хароҷотҳои зарурӣ барои ҳамгироии бехатари чунин иқтидори бузурги насбшудаи муваққатии дастгҳоҳҳои офтобӣ ва бодӣ ба низоми энергетикии миллӣ мебошад.

c. ***Афзоиши ҳаҷми содирот ва даромад***. Лоиҳа ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ухдадориҳои ҷории содиротиро ба пуррагӣ иҷро намояд ва ва ба вусъатдиҳии минбаъдаи содирот ба минтакаи ОМ ва берун аз он имконият фароҳам меорад. Дар расми зерин саҳми лоиҳаи Роғун дар содироти нерӯи барқ нишон дода шудааст. Дар Расми 4.2 ҳаҷми умумии тахминии содироти нерӯи барқ аз рӯи сенарияҳои “ба итмом расонидани сохтмони НБО Роғун” ва “бе итмом расонидани сохтмони НБО Роғун” нишон дода шудааст. Аз ҳисоби даромади эҳтимолии иловагии содирот дар солҳои 2022-2040 фарқият 2,9 млрд. долл. ИМА ташкил медиҳад. Таъмини гуногунсозии минбаъдаи содирот тавре дар ин тадқиқот тахмин шудааст барои пешгирии вобастагии назарраси устувории молиявии Лоиҳа аз як бозор муҳим аст, зеро он метавонад барои устувории бонкии Лоиҳа дар сурати ба миён омадани таконҳо хавфҳоро эҷод кунад.

d. ***Муҳофизати силсилаи нерӯгоҳҳо дар дарёи Вахш аз обхезии эҳтимолии максималӣ (ОЭМ)***. Сохтмони Лоиҳа тамоми силсилаи нерӯгоҳҳои поёноби дарёи Вахшро аз ОЭМ низ муҳофизат мекунад. Аз ин рӯ, барои таъмини муқоисаи назаррас хароҷоти таъмини афзалиятҳои монанди муҳофизат аз обхезиҳо бояд ба сенарияи «бе итмом расонидани сохтмони НБО Роғун» дохил карда шавад. Барои НБО-и Норак ин сохтмони як обпартои иловагиро талаб мекунад, ки арзиши он 318 миллион долл. ИМА- ро ташкил медиҳад.[9] Бояд зикр намуд, ки обпарто дар Норак муҳофизати иловагиро аз обхезиҳо танҳо дар Норак таъмин мекунад ва қисми боқимондаи силсилаи нерӯгоҳҳои поёноби дарёи Вахшро муҳофизат намекунад.

e. ***Коҳишёбии хароҷоти сӯзишворӣ***. Хароҷоти сӯзишворӣ камтар хоҳад шуд, зеро дар сурати татбиқи Лоиҳа сохтмони нерӯгоҳҳои барқии гармидиҳии нав зарур намешавад.

f. ***Коҳишёбии партовҳои CO2 аз ҳисоби кам кардани ҳиссаи истеҳсоли нерӯи барқ бо истифода аз сӯзишвории истихроҷшуда дар таъмини умумии нерӯи барқ дар Тоҷикистон ва дар бозорҳои асосии содиротӣ.*** Коҳишёбии партовҳои CO2 дар давраи солҳои 2022-2040 аз рӯи ҳисобҳо 22 млн. тCO2e ташкил медиҳад. Манфиати умумии глобалӣ аз коҳишёбии ин партовҳо аз рӯи нархи ғайрирасмии карбон маблағи 2,6 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Он дар натиҷаи кам шудани истеҳсоли сӯзишвории истихроҷшуда дар кишварҳое, ки интизор меравад нерӯи барқро аз Лоиҳа ворид мекунанд (кишварҳои Осиёи Марказӣ, Покистон ва Афғонистон) ва пешгирии партов ба низоми энергетикии миллӣ ба даст меояд.

32. Талабот ба иқтидори нави истеҳсолӣ дар Шимол бо мушкилии интиқол, ки минтақаҳои ҷануб ва шимолро мепайвандад ва афзоиши талабот, алоқаманд аст. Таҳлил нишон дод, ки сохтмони иқтидорҳои нави истеҳсолӣ наздиктар ба маркази сарборӣ дар муқоиса бо пайвастшавии нави интиқоли барқ тавассути релефи мушкили географӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ бештар асоснок хоҳад буд. Талабот дар ҷануб аз

[9] "Тадқиқоти арзёбии фаннию иқтисодии лоиҳаи сохтмони НБО-и Роғун", Барқи Тоҷик, марти с. 2014. Ҳукумат ин хароҷотро дар ҳаҷми 945 млн. долл. ИМА ҳисоб кардааст.

ҳисоби эҳтиёҷоти мавсимӣ ба нерӯи барқ дар фасли зимистон ба миён меояд, вақте истеҳсоли нерӯи барқи обӣ метавонад кофӣ набошад. Ҳам лоиҳаҳои дастгоҳҳои бодӣ ва офтобии фотоэлектрикӣ дар ҷануб ва шимоли кишвар барои пурра кардани истеҳсоли нерӯи барқӣ обӣ муносиб буда, дар гуногунсозии манбаъҳои таъминот мусоидат мекунанд. Ғайр аз ин, бо дарназардошти дастрас будани НБО дорои захираи калони нерӯи барқ ба монанди НБО-и Роғун ва Норак дар ҷануб ва НБО-и Қайроққум дар шимоли кишвар, нерӯгоҳҳои офтобии фотоэлектрикӣ ва бодӣ метавонанд бо осонӣ ба низоми энергетика пайваст карда шаванд.

33. Хароҷоти умумии софи системавии нақшаи LCGEP аз рӯи ҳисобҳо 2,3 млрд. долл. ИМА-ро ташкил медиҳанд, ки бештар бо манфиатҳои бузурги пешбинишаванда аз ҳисоби содирот алоқаманд мебошанд.

**Ҷадвали 8: Хароҷоти умумии низом дар доираи нақшаи LCGEP (бо млн. долл. ИМА)**

| Сол | Содирот | Воридот | Хароҷоти амалиётӣ | Сармоягузорӣ дар анҷомдиҳии лоиҳаи Роғун | Сармоягузорӣ дар дигар лоиҳаҳо | Хароҷоти соф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2021** | -85 | 8 | 105 | 302 | 0 | 329 |
| **2022** | -95 | 8 | 105 | 302 | 0 | 319 |
| **2023** | -91 | 23 | 107 | 498 | 405 | 941 |
| **2024** | -169 | 7 | 108 | 498 | 120 | 444 |
| **2025** | -199 | 0 | 110 | 480 | 135 | 391 |
| **2026** | -220 | 7 | 112 | 480 | 0 | 378 |
| **2027** | -240 | 21 | 115 | 610 | 180 | 506 |
| **2028** | -210 | 0 | 117 | 442 | 0 | 350 |
| **2029** | -321 | 20 | 120 | 382 | 0 | 201 |
| **2030** | -159 | 61 | 143 | 256 | 0 | 301 |
| **2031** | -251 | 34 | 165 | 166 | 0 | 114 |
| **2032** | -472 | 0 | 127 | 57 | 0 | -288 |
| **2033** | -351 | 0 | 129 | 11 | 0 | -211 |
| **2034** | -524 | 15 | 131 | 9 | 0 | -370 |
| **2035** | -378 | 20 | 134 | 5 | 0 | -219 |
| **2036** | -384 | 22 | 136 | 5 | 0 | -221 |
| **2037** | -487 | 31 | 139 | 5 | 0 | -311 |
| **2038** | -415 | 29 | 142 | 5 | 0 | -238 |
| **2039** | -593 | 20 | 144 | 5 | 0 | -424 |
| **2040** | -363 | 47 | 147 | 0 | 0 | -169 |

Манбаъ: Ҳисобҳои машваратчӣ.

34. Хароҷоти асосии нақшаи LCGEP аз рӯи ҳисобҳо 5.4 млрд. долл. ИМА-ро ташкил медиҳанд, ки тақрибан маблағи 4.5 млрд. долл. ИМА-ро барои ба анҷом расонидани сохтмони НБО Роғун ва боқимонда барои сохтмони нерӯгоҳҳои офтобӣ ва бодӣ дар бар мегирад. Лозим ба ёдоварист, ки тамоми хароҷоти асосии ҳисобшуда хароҷоти ғайричашмдоштро дар бар мегиранд, аммо хароҷоти ғайричашмдошти алоқаманд бо нархро ба инобат намегиранд, зеро таҳлил бо истифода аз нарх ва хароҷотҳои воқеӣ гузаронида мешавад.

**Расми 5: Хароҷоти низом аз рӯи категорияҳо**




Манбаъ: Ҳисобҳои машваратчӣ.

## Бахши 6: Дурнамои содирот ва воридот

35. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон метавонад дар давраҳои муайяни сол, маъмулан дар фасли зимистон аз воридот манфиат барад. Бо дарназардошти нерӯи барқи обии зиёдатӣ дар давоми моҳҳои апрел – сентябр содироти назарраси нерӯи барқ низ вуҷуд дорад.

**Расми 6: Дурнамои содирот ва воридоти ҳармоҳа**




Манбаъ: Ҳисобҳои машваратчӣ.

## Замимаи 1: Дурнамои истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои асосӣ

